**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони**
**Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф дар мавзӯи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2025).**

Омӯзиши ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ яке аз масъалаҳои мубрами назарияи давлат ва ҳуқуқ маҳсуб ёфта, то кунун ҷанбаҳои алоҳидаи назариявию амалии он ба таври пурра ҳаллу фасли худро пайдо накардааст. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314–1385) яке аз бузургтарин шахсиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва маънавии Шарқ ба ҳисоб меравад, ки на танҳо бо осори ирфонӣ ва адабӣ, балки бо андешаҳои амиқи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии худ маъруфият пайдо кардааст. Вай дар миёни мутафаккирони асрҳои миёна бо унвонҳои «Шоҳи Ҳамадон», «Амири Кабир» ва «Сайид-ул-авлиё» шинохта шуда, осори ӯ имрӯз ҳам манбаи муҳим барои омӯзиши афкори давлатӣ-ҳуқуқии Шарқ ба шумор меравад. Махсусан китобҳои ӯ, аз қабили «Захират-ул-мулук», «Даво-ул-кулуб», «Минҳоҷ-ул-орифин», «Чиҳиласрор», «Одоб-ул-машоих» ва як қатор рисолаҳои дигар дорои андешаҳои амиқи давлатдорӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ мебошанд, ки аз аҳамияти муҳими илмию ҳуқуқӣ дар замони муосир бархӯрдор аст. Дар асрҳои миёна ҳокимият бештар ба унсурҳои динӣ ва ахлоқӣ такя мекард ва ҷомеа тавассути қонунҳои шариат ва урф танзим мешуд. Дар чунин шароит Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо андешаҳои худ назарияи

ҷолиберо ба миён овард, ки дар онҳо ҷойгоҳи адолат, қонун, ҳуқуқи инсон ва масъулияти ҳокимият мавқеи асосӣ дошт. Ба андешаи ӯ, ҳокимият танҳо дар сурати барпо кардани адолат ва риояи ҳуқуқи мардум қонунӣ ва устувор буда метавонад. Подшоҳ ё ҳоким наметавонад танҳо ба қувва ва зӯр такя кунад, балки бояд шахсияте бошад бо дониш, ахлоқ, худдорӣ аз амалҳои бад ва адолатпарварӣ зиннатёфта бошад, зеро бе ин сифатҳо давлатдор муваффақ нахоҳад шуд.
Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ қонунро воситаи муҳими нигоҳ доштани тартиботи иҷтимоӣ ва ҳифзи амният меҳисобид. Ӯ таъкид менамуд, ки қонун бояд барои ҳама баробар татбиқ гардад ва ҳеч кас набояд аз ҷавобгарӣ озод бошад. Дар андешаҳои ӯ мафҳуми «масъулияти шахсӣ» ҷойгоҳи вижа дорад: ҳар шахс, новобаста аз мансабу мақом, барои кирдорҳои худ ҷавобгар аст ва пеши ҷомеа бояд ҷавоб диҳад. Ҳатто ҳокимон низ аз ин масъулият озод нестанд, зеро онҳо вазифадор ҳастанд, ки адолатро таъмин намуда, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои мардумро авлавият қарор диҳанд.

Яке аз паҳлӯҳои муҳимтарини андешаҳои ӯ баробарии инсонҳо дар назди қонун мебошад. Ӯ бар он таъкид мекард, ки фарқ миёни одамон аз ҷиҳати мансаб, сарват ё қавм набояд сабаби поймол гардидани ҳуқуқи дигарон гардад. Адолат танҳо дар сурате пойдор мемонад, ки қонун барои ҳама баробар татбиқ шавад ва ҳокимон, пеш аз ҳама, худ ба иҷрои қонун содиқ бошанд. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳокимиятро амонат ва неъмати илоҳӣ медонист, ки ба инсон барои адолатпарварӣ, ободонии ҷомеа ва таъмини зиндагии шоистаи мардум дода мешавад. Вале, агар ин амонат ба зулм, худхоҳӣ ва истисмор мубаддал гардад, давлат пош мехӯрад ва ҷомеа ба бенизомӣ ва ноороми рӯ ба рӯ мешавад. Ба ҳамин хотир ӯ ҳушдор мекард, ки ҳокимон набояд аз масъулият ва адолат дур шаванд, зеро ин роҳ ба бадбахтии ҷомеа оварда мерасонад. Осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барои мо имрӯз низ арзиши бузург дорад. Зеро, андешаҳои ӯ танҳо ба замони худ маҳдуд набуда, балки хусусияти

умумибашарӣ доранд. Имрӯз, ки Тоҷикистон дар роҳи давлатдории миллӣ ва ҳуқуқбунёд қарор дорад, омӯзиши афкори чунин мутафаккирон метавонад ба таҳкими пояҳои назариявӣ ва маънавии давлат ва ҷомеа мусоидат намояд. Пеш аз ҳама, ин андешаҳо ба мо нишон медиҳанд, ки адолат, қонунмеҳварӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон ва масъулияти шахсӣ принсипҳое мебошанд, ки на танҳо дар замони муосир, балки дар асрҳои гузашта низ шарти асосии пойдории давлат ва ҷомеа ба шумор мерафтанд.

Мубрамияти омӯзиши ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо барои фаҳмиши решаҳои фикрии давлатдории миллӣ ва ташаккули фарҳанги ҳуқуқии тоҷикон аҳамияти махсус доранд. Якум, онҳо барои таҳқиқи таърихи афкори ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дар Шарқ ва муқоисаи он бо назарияҳои муосири Ғарб заминаи хуб фароҳам меоранд. Дуюм, онҳо барои таҳкими ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва тарбияи насли ҷавон дар рӯҳияи адолат, масъулият, инсонмеҳварӣ ва ватандӯстӣ нақши муҳим доранд. Сеюм, истифодаи мероси фикрии ӯ дар фаъолияти амалӣ метавонад ба рушди ҷомеаи ҳуқуқбунёд ва таҳкими давлатдории миллӣ ёрӣ расонад.

Бо дарназардошти ин ҳама, метавон гуфт, ки андешаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ танҳо як саҳифаи таърихӣ нестанд, балки сарчашмаи зиндаи омӯзиш барои ҷомеаи имрӯза мебошанд. Омӯзиши осори ӯ на танҳо аз нигоҳи илмӣ, балки аз дидгоҳи амалӣ ва ҳуқуқӣ низ аҳамияти калон дорад, зеро онҳо қудрати тарбиявӣ ва арзишӣ дошта, метавонанд дар равандҳои муосири сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кишвари мо нақши созанда дошта бошанд.

Бинобар ин, масъалаи ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки таҳқиқбаранда Калонзода Ф.М. рисолаи илмии худро дар ин хусус ба анҷом расонидааст, яке аз масъалаҳои мубрам ба ҳисоб меравад ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ аз аҳаммияти калони илмиву назарӣ бархурдор аст.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф вазифаҳои дар наздаш гузошташударо то ҳадди зарурӣ ҳал намудааст, вале новобаста аз ин, ҳанӯз баъзе масъалаҳое дар ин самт ҷой доранд, ки таҳлилу баррасии алоҳидаро талаб менамоянд. Аз ҷумла:

1. Муаллиф дар банди 8-и нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда қайд менамояд, ки "Тафсири ҳуқуқӣ дар асарҳои мутафаккир дар робита бо фаъолияти сохторҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ, бо мақсади такмили фаъолияти онҳо ва таъмини самаранокии татбиқи меъёрҳо ба роҳ монда мешавад. Илова бар ин, мутафаккир зарурияти ташаккули соҳаҳои гуногуни ҳуқуқро асоснок мекунад"(саҳ. 11). Аммо муаллиф дар ягон ҷои автореферати диссертатсия оид ба "тафсири ҳуқуқӣ" ва "такмили фаъолияти онҳо ва таъмини самаранокии татбиқи меъёрҳо" шарҳи пурраи илмиро ироа накардааст. Ҳамзамон, муаллиф зарурати ташаккули кадом соҳаҳои ҳуқуқро дар назар дорад, ки ин масъала низ ба маънидодкунӣ эҳтиёҷ дорад. Хубтар мешуд, ки таҳқиқбаранда ҳангоми ҳимояи ошкорои таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масъалаҳои мавриди назар фикру мулоҳизаҳои худро баён менамуд.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда баҳснок мебошанд ва арзиши рисолаи илмиро кам наменамояд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Калонзода Фатҳиддин Мирзошариф ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Ақидаҳои давлатӣ-ҳуқуқии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст.

Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарриз:**
Директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа, профессор Маҳмадизода Н.Д.

**Имзои Маҳмадизода Н.Д.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони кор бо кадрҳои
Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ
ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови АМИТ Абдураҳмонзода Б.
«28» август 2025 с.

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
**Тел:** 918997090.
**Email:** ifppanrt@gmail.com